*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи "Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Муаллифи рисола бо дарки амиқи масъала дуруст қайд намудааст, ки дар ҷомеаи иқтисодӣ таваррум ҳамчун ҳодисаи номатлуби пулӣ хусусияти таърихӣ дошта, он дар ташаккули муносибатҳои пулӣ зоҳир мегардад ва як қатор мушкилотро ба миён меоварад. Таҳаввулоти бузурги муносибатҳои пулӣ дар ҷомеаи иқтисодӣ боиси ба миён омадани шаклҳои нави пул гардида, бо мурури замон дар натиҷаи нобаробар рушд кардани иқтисодиёт ва душвор гардидани сатҳи зиндагии як табақаи аҳолӣ, нобаҳрасозон ва дигар ашхосе пайдо гардид, ки ба болоравии таваррум боис гардиданд. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки таваррум хосияти меҳварӣ дошта, онро дар ҳама ҳолат вобаста ба муносибатҳои иқтисодӣ во хӯрдан мумкин аст.

Вобаста ба ин, мавзӯи интихобнамуда барои иқтисодиёти Тоҷикистон муҳим ва актуалӣ буда, дар доираи он таҳқиқот анҷом додан масъалаи саривақтӣ мебошад. Ғайр аз ин проблемаҳои дар рисолаи илмӣ анҷомгардида моҳияти аслии таҳқиқотро пурра ифода намуда, ҳамчунин кор и таҳқиқотӣ комилан ба итмомрасида маҳсуб меёбад.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар автореферати диссертатсия баррасигарда ҳамчун натиҷаи фаъолияти илмии доктори фалсафа (PhD) қобили дастгирӣ буда, дар ин самт муаллифи рисола ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бо шарофати рушди бомароми иқтисодиёти кишвар ва аз меъёри пешбининамудаи кишвар дар сатҳи пастар нигоҳ доштани таваррум аз зумраи он масъалаҳое маҳсуб меёбад, ки дар заминаи истеҳсолоти дохилӣ ва ғанӣ гардонидани бозори давлат ба он аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Илова бар ин муаллифи рисола ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, ки кори илмии муаллифро ҳамчун кори анҷомёфта муаррифӣ менамояд.

Дар сатҳи таҳқиқот махсусан дар автореферати доктори фалсафа (PhD) дастовардҳои назаррасро зиёд мушоҳида намудан мукин аст, лекин таҳқиқот бурд мекард агар ба масъалаҳои зерин иловатан аҳамият медод:

1. Моҳиятан таҳқиқоти илмӣ босифат мешуд агар муаллиф вобастагии таваррумро вобаста ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи таъсири омилҳои дохилӣ ва бурунӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод;

2. Вобаста ба баррасии заминаҳои бавуҷудоии таваррум, сифати кор беҳтар мегардид агар доктори фалсафа (PhD) Қурбонов В.Н. заминаҳои эҳтимолии таваррумро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медод.

Боварии комил дорам, ки эродҳои мазкур арзиши илмии кори анҷомёфтаро коста намегардонанд. Чуноне аз автореферати диссертатсия бармеояд, кори Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қурбонов Вафо Намозалиевич сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисод,**
**профессори кафедраи молия**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Ҷабборов А.**

**Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.**
**Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2,**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.**
**Телефон: +992(37) 234-83-46**
**+992(37) 234-85-46.**
**mail: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru**

**Дурустии имзои Ҷабборов А.-ро тасдиқ менамоям**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ КОММЕРЦИИ